«Тасдиқ мекунам»
Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
«___» ______________ 2023
____________ Маҳмадбекзода М.Ш.

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар - Муассиаи давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои пешниҳод ба дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ.**

### 1. Муҳимияти мавзӯи таҳқиқотии диссертатсионӣ

Шароити рақобати шадиди иқтисоди бозоргонӣ ва афзоиши босуръати аҳолӣ, вазъи бекорӣ, нарасидани ҷойҳои кори, дараҷаи пасти музди меҳнат ва дигар омилҳо боиси коҳиш ёфтани сатҳи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва муҳоҷирати меҳнатии берунмарзии аҳолӣ гардид. Аз тарафи дигар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои самарабахши беҳтар амудани дараҷаи таъминоти моддии аҳолӣ муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба ин масъала зарурияти омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба бозори меҳнат муҳим аст. Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар паст намудани шиддати бозори меҳнат ва нигаҳдории сатҳи иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат менамоя.

Муҳимияти мушкилоти зикршуда, тафовути ҳудудӣ дар сатҳи зиндагонии аҳолӣ ва вазъи иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ, ноустувори бозори меҳнат, номуайяни омори муътамад яке аз сабабҳои асосии

объекти таҳқиқот интихоб намудани муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикисонн ва интихоби рисолаи илмӣ гардид.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои диссертатсия

Ҳадафи рисолаи диссертатсионӣ муайян намудани омил ва хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ мебошад.

Татбиқи ин ҳадаф иҷрои вазифаҳои асосии зеринро талаб мекунад:

- омухтани фикру ақидаи олимони соҳаи география ва иқтисодиёт оид ба назария, методологияи таҳқиқот ва таърихи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

-майян намудани омилҳои иктисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ, сабаб ва хусусиятҳои он дар Тоҷикитон;

- арзёби намудани ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии муҳоҷирати меҳнатӣ;

- таҳлили масъалаҳои кунуни муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-муайян нмудани омилҳое, ки ба такмил, омода кардани кадрхои соҳибихтисос ва дастгирии ичтимоии аҳолӣ мусоидат мекунад;

-коркарди тавсияҳо ҷиҳати дурнамо ва сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Объекти таҳқиқот** муҳоҷрати меҳнатии аҳолӣ дар тмоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Предмети таҳқиқотро** хусусиятҳои ба худ хоси иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

## 3. Усулҳои тадқиқот

Асоси назариявӣ ва метододологии таҳқиқотро асарҳои олимони тоҷик ва хориҷи кишвар оиди геогерафия ва иқтисодиёт муҳоҷирати меҳнатӣ ташкил медиҳанд. Зимни ҳалли вазифаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ усулҳои зерин истифода бурда шудаанд: усули монографӣ, анализу

синтез, таҳлили оморӣ, усули математикию иқтисодӣ, усули таҳлилию қиёсӣ, усули таҷрибавию озмоишӣ ва ғ. Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намуданд.

Ҳалли вазифаҳои гузошташудаи назариявӣ, методӣ ва амалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионии иҷрошуда сатҳи кофии дараҷаи илмиро дорост. Муқаррароти асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда дарҷ гардидаанд.

## 4. Сохтори диссертатсия

Кори диссертатсионӣ таҳқиқоти мустақилонаи масъала, гузориши мақсад ва вазифаҳои муайянро ифода менамояд. Сохтори кори диссертатсионии мазкур аз рӯи таркиби худ мантиқан дуруст ташаккул дода шудааст. Диссертатсия дар ҳаҷми 170 саҳифаи чопи компютерӣ навишташуда, аз номгуйи ихтисоротҳо ё аломатҳои шартӣ сарсухан, се боб ва хулоса иборат аст. Дар кори диссерататсионӣ 16 ҷадвал, 5 диаграмма, 3 расм ва 3 нақша ҷой дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 121 номгӯйро ташкил медиҳад.

Дар сарсухан мубрамияти мавзӯъи рисола, дараҷаи таҳқиқи илмии он асоснок карда шуда, объекту матлаби таҳқиқот асоснок кардани ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот матраҳ гардидаанд, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии механизми танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд. (саҳ 3-11)

Дар боби якум «Тавсифи умумии мафҳуми муҳоҷират, назария ва методологияи он» омӯзиши омиҳои асосии муҳоҷират, иқтисодӣ, этникӣ, демографӣ, ташкил ва идора кардани соҳаҳои хоҷагии халқ, таърихи ташаккулёбии минтақавӣ муҳоҷират дар давраҳои гуногуни таърихи ҷумҳурӣ, сабабҳо ва шаклҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ баррасӣ карда шудаанд.(саҳ 12-36)

Дар боби дуюм «Муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон др давраи дар шароити иқтисодӣ бозоргонӣ» масоили сабаб ва омилҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистан, проблемаҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос мавриди таҳлил қарор ёфтаанд. (саҳ 47-106)

Дар боби сеюм «Хусусиятҳои иқтисодӣ-географӣ ва дурнамои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷмуҳурии Тоҷикистон» масоили муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтакаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ ва дурнамои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шулааст. (саҳ. 107-118)

Дар хулоса натиҷаҳои асосии диссертатсия, пешниҳодҳо ва тавсияҳо оиди истифодаи амалӣ оварда шудаанд. (саҳ. 139-143).

**5. Навгониҳои илмӣ**

Ба натиҷаҳои назаррасе, ки навоварии диссертатсияро ташкил медиҳанд, метавон дохил кард:

1. Дар асоси ақидаи олимони варзидаи соҳаи география, демогрфия ва иқтисодиёт, методологияи таҳқиқот ва хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, вобата ба шароитҳои иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои мамлакат таҳлилу барраси гардидаанд.

2. Омилҳои иқтисодӣ-географӣ, сабаб ва намудҳои муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси онҳоро ошкор карда шудаанд

3. Ҷанбаҳои мусбат ва оқибатҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ арзёби шудаанд.

4. Проблемаҳои мавҷудаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, омилҳое, ки ба такмил ва омода кардани кадрҳои соҳибтахассус ва дастгирии иҷтимоии аҳолӣ мусоидат мекунанд муайян карда шудаанд.

5. Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ бо назардошти таъсири онҳо ба вазъи иҷтимоӣ – иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муаян карда шуда, тавсияҳо ҷиҳати дурнамо ва сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

**6. Аҳмияти назариявӣ ва амалиявии диссертатсия**

Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳлили амиқтари иқтисодӣ-назариявӣ ва институтсионалии равандҳои ташаккул ва рушди сиёсати минтақавӣ дар доираи таъмини рушди мавзуни иқтисодӣ минтақаҳо таҷассум меёбад. Натиҷаҳои ҳосилшуда назарияи иқтисодӣ минтақавиро инкишофу такмил медиҳанд ва онҳоро ба заминаи назариявии таҳияи сиёсати минтақавии муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ба баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

Аҳамияти амалии хулосаву пешниҳодҳо дар он аст, ки коркардҳои назариявӣ ва методологии пешниҳоднамудаи муаллифро мақомоти марказӣ ва минтақавии ҳокимият ҳангоми таҳияи стратегияҳои миллии муҳоҷират ва таъсири он ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографии минтақаҳо истифода бурда метавонанд. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалӣ имконияти ба танзим даровардани муҳоҷирати меҳнати аз минтақаҳои ҷумҳури, коҳиш додани мушкилоти муҳоҷирати меҳнати дар минтақаҳои ҷумҳурӣ муҳайё мекунад.

**7. Камбудиҳо дар рисолаи диссертатсионӣ**

Новобаста аз он ки пурра ҷанбаҳои мусбии кори тақризшавандаро зикр намудем, баъзе камбудиҳои алоҳидаи онро низ қайд кардан лозим аст, ба монанди:

1. Хуб мешуд, ки дар кори диссертатсионӣ дар боби дуюм банди 3 омода намудани кадрҳои коргари баҳогузорӣ карда мешуд;

2. Дар ҷадвали 2.1.1. (саҳ. 55), маълумот оиди шумораи умумии оилаҳои кучонидашуда солҳои 2020-2021 оварда шавад;

3. Дар рисолаи диссертатсионӣ самтҳои амиқи механизми танзими давлатии муҳоҷирати меҳнатӣ оварда нашудааст;

4. Таркиби кор дорои баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ аст.

5. Дар рисолаи илмӣ боби 1 банди 1.1. (саҳ.12-25) корҳои илмии олимони тоҷик кам истифода бурда шудааст.

Таъкид кардан зарур аст, ки норасоиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дараҷаи мусбии диссертатсияро паст намекунанд.

**8. Хулоса**

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустқилонаи анҷомёфта мебошад, ки навоварии илмӣ ва аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва мақолаҳои нашркардаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун дастоварди нави илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба чоп расонида шудаанд. Оид ба мавзуъи рисола аз ҷониби муаллиф 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшаванда ва тавсия намудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии атестатсионии Федератсияи Русия, 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст.

Умуман, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи «Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгуй ба шиносномаи ихтисоси 25.00.24- Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри сол 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст мутобиқ мебошад. Бинобар ин муалиф Ҳақназаров Умарали Нуралиевич арзанда аст сазовори дараҷаи номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 6D060901 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ шавад.

Тақриз дар ҷаласаи Шурои илмии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (суратмаҷлиси №2 аз 2 майи 2023 с.)

**Тақризро тайёр намуд:**

**Мудири шуъбаи танзими масъалаҳои муҳоҷират**
**Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи**
**меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”**
**номзади илми иқтисод** **Раимдодов У.С.**

**Котиби илмӣ** **Ҳамдамова Н.У.**

**“Имзои Раимдодов У.С., Ҳамдамова Н.У.-ро**
**тасдиқ мекунам” Сармутахасиси шуъбаи**
**кадрҳои Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи**
**меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»** **Султонбекова С.**